# پروتوکول

## هفتمین اجلاس کمیسیون مشترک بین الحکومتی
## اقتصادی، تجارتی، اجتماعی و تخنیکی
## میان
## جمهوری اسلامی افغانستان
## و
## جمهوری تاجیکستان

هفتمین جلسه کمیسیون مشترک بین الحکومتی اقتصادی، تجارتی، اجتماعی و تخنیکی میان جمهوری اسلامی افغانستان و جمهوری تاجیکستان که منبعد «کمیسیون» نامیده می شود به تاریخ ۴-۵ جولای ۲۰۱۹ مطابق به۱۳-۱۴ سرطان ۱۳۹۸ در شهر دوشنبه برگزار گردید.

رئیس هیئت جمهوری اسلامی افغانستان را جلالتمآب داکتر محمد همایون قیومی، سرپرست وزارت مالیه و مشاور ارشد مقام عالی ریاست جمهوری افغانستان و رئیس هیئت جمهوری تاجیکستان را جلالتمآب خدایار زاده خدایار ذوقی بیک- وزیر نقلیات جمهوری تاجیکستان به عهده داشتند.

لیست ترکیب اعضای هیئت هر دو جانب که منبعد (طرفین) نامیده می شود، در ضمایم (۱ و ۲) ملاحظه می گردد.

نشست های رسمی طرفین و گروه های کاری کمیسیون در فضای همدیگر پذیری، درک متقابل و دوستانه که بیانگر سنت های مشترک روابط برادرانه و صمیمانه هر دو کشور می باشد برگزار گردید. طرفین جهت اجرای مقررات و اسناد امضا شده و پروتوکول ششمین اجلاس کمیسیون، مؤظف نمودن وزارت ها، ادارات و سازمان های ذیدخل خود را برای عملی نمودن موافقت های قبلی به دست آمده تأکید نمودند.

ضمن بررسی مسائل و راه های توسعه و گسترش روابط اقتصادی و تجارتی در جلسات کارشناسان براساس مزیت های متقابل حقوقی برابر در بخش های زیر به موافقه رسیدند:

## ۱. همکاری های اقتصادی و تجارتی میان دو کشور

کمیسیون جهت تقویت همکاریها در حوزه اقتصادی و تجاری دو کشور به توافق رسیدند تا مسائل ذیل مورد بررسی وزارتخانه ها، ادارات و سازمان های ذیدخل ج.ا. افغانستان و ج. تاجیکستان قرار گیرند:

۱.۱. طرفین توافق نمودند تا تأسیسات مشترک کوچک و متوسط را جهت تولیدات اموال صنعتی در مناطق آزاد اقتصادی ایجاد نمایند؛

۱.۲. طرفین توافق نمودن تا جهت جلب سرمایهٔ کشورهای تمویل کننده و شرکای بین المللی را جهت آموزش متخصصین فنی ج.ا.افغانستان را در مؤسسات تعلیمی ج. تاجیکستان مساعدت نمودند؛

۱.۳.طرفین توافق نمودند تا جهت فراهم آوردن شرایط مساعد برای گسترش گردش اموال میان هر دو کشور، از جمله میوهٔ تر و خشک، سبزیجات و محصولات صنعتی همکاری نمایند؛

۱.۴. جانب افغانستان پیشنهاد از بین بردن تعرفه (باج گمرکی) از جانب افغانستان برای واردات نمک تولیدی تاجیکستان را بررسی نمایند.

۱.۵. از آنجائیکه تجارت بین هر دو کشور حاوی چشم انداز رشد بوده و حجم آن دارای ظرفیت افزایش می باشد، طرفین توافق نمودند تا از وسایل مختلف جهت رشد تجارت متقابل استفاده و حمایت نمایند.

از جمله:

- راه اندازی نمایشگاه مشترک سالانه تجارتی و فراهم آوری تسهیلات لازم برای تجار و متشبثین جهت اشتراک در نمایشگاه های دو کشور؛
- راه اندازی نشست های دوجانبه و توصل تجارتی (Business Forum)؛
- تشریک معلومات و پروپوزل های تجارتی و سرمایه گذاری؛
- طرفین توافق نمودند تا طرزالعمل صادرات و واردات را در مطابقت به موافقتنامهٔ تسهیلات تجارتی سازمان تجارتی جهانی (WTO) عیار نماید؛
- جانب افغانستان وارد کردن تعدیلات را در موافقتنامه تجارتی سال 2004 میان دولت انتقالی افغانستان و ج. تاجیکستان پیشنهاد نمود.

۱.۶. طرفین توافق نمودند تا جهت ارتقای سطح روابط تجارتی، سهولت های سفر به تجار و رانندگان دو کشور را بررسی نمایند.

## ۲. همکاری در عرصه ستندرد سازی

۲.۱. طرفین توافق نمودند که همکاری ها را میان ادارات ستندرد، مترالوژی و بهادهی مطابقت (ارزش برابری) را براساس یادداشت تفاهم امضاء شده گسترش دهند؛

۲.۲. طرفین در مورد همکاری و تبادل تجارب در عرصه پروسه های ارزیابی مطابقت (Conformity Assessment) برای اموال صادراتی و وارداتی بین دو کشور توافق نمودند؛

۲.۳. طرفین روی ترتیب موافقتنامه شناخت متقابل (Mutual Recognition Agreement) در پروسه های ارزیابی مطابقت که شامل نظارت، آزمایش لابراتواری و صدور تصدیق نامه ها برای محصولات می باشد، توافق نمودند؛

۲.۴. طرفین توافق نمودند تا قبل از امضای موافقتنامه شناخت متقابل، تیم های تخنیکی و مسلکی طرفین فعالیت ها و پروسه های ارزیابی مطابقت هر دو کشور را از نزدیک مشاهده و بعد از بررسی همه جانبه به توافق هر دو جانب موافقتنامه شناخت دو جانبه را امضاء نمایند؛

۲.۵. جانب تاجیکستان جهت تبادل تجارب در عرصه ستندرد سازی و به دسترس گذاشتن ستندردهای گوست (GOST) براساس نیازمندی های ادارهٔ ملی ستندرد افغانستان همکاری خواهد نمود.

## ۳. همکاری در عرصه انرژی، ذخایرآبی، نفت و گاز

### همکاری ها در عرصه انرژی برق؛

۳.۱ طرفین به بررسی پیرامون افزایش حجم انتقال نیروی برق در فصل های تابستان و زمستان از ج. تاجیکستان به ج.ا. افغانستان توافق نمودند؛

۳.۲ طرفین روی توسعه همکاری ها در راستای تأمین انرژی برق دائمی ولایت های نزدیک به سرحد و ولسوالی های سرحدی مربوط به جمهوری اسلامی افغانستان توافق نمودند؛

۳.۳ طرفین روی تبادل تجربه کاری و دانش فنی و مسلکی، بخصوص در عرصه انرژی جهت تجدید تحقیقات علمی و تخنیکی، همچنان استفاده از ظرفیت های مؤسسات علمی تاجیکستان برای آماده سازی متخصصین عرصه الکتروانرژی، ساخت و احداث بندهای کوچک و دستگاه های تولید انرژی برق Micro Hydro Station، ترمیم ترانسفارمرهای HV & MV، تورید تجهیزات برقی تولید جمهوری تاجیکستان مانند لین و کیبل ها -Aluminum Conductor Steel Reinforced (ACS) توافق نمودند؛

۳.۴ طرفین به راه اندازی همکاری های متقابلاً سودمند از جانب نهادهای مربوطهٔ هر دو کشور جهت تأسیس "طرح خط انتقال برقی ۵۰۰ کیلو ولت راغون- پلخمری" به موافقه رسیدند؛

۳.۵ طرفین در مورد توسعه و گسترش همکاری های بیشتر در سکتور خدمات برق رسانی با شرکت پامیر انرژی برای ولایت بدخشان جمهوری اسلامی افغانستان توافق نمودند؛

۳.۶ طرفین توافق نمودند که در تطبیق پروژه بندهای برق سناباد و سیب زار همکاری نمایند.

۳.۷ جانب افغانستان از جانب تاجیکستان درخواست نمود تا سکتور خصوصی آنکشور را ترغیب نمایند تا در تطبیق پروژه ها و سرمایه گذاری روی ظرفیت های آبی افغانستان به منظور تولید برق همکاری نمایند؛

۳.۸ جانب افغانستان پیشنهاد نمود تا قرداد تورید انرژی برق برای ولایت کندز از طریق لین 110 کیلو ولت به عین شرایط و تعرفه فعلی برای مدت پنج سال آینده تمدید گردد، جانب تاجیکستان ابراز نمود که پیشنهاد جانب افغانستان را اکنون مورد قبول ننموده و بعداً مسأله مذکور الی ختم مهلت قرارداد فعلی در موافقت با ساختار های ذیدخل تاجیکستان غور و بررسی می نماید؛

### عرصه ذخایر آبی

۳.۹ طرفین توافق نمودند که در بخش تحکیم سواحل دریای پنج به همکاری های خویش ادامه دهند؛

### عرصه نفت و گاز

۳.۱۰ طرفین توافق نمودند که در حالت ضرورت در عرصه آموزش و اکتشاف نفت و گاز در مناطق ذخایر نفت و گاز بین المرزی همکاری نمایند؛

۳.۱۱ طرفین توافق نمودند که به دلیل عدم احتیاج فعلی جمهوری تاجیکستان در زمینه گاز طبیعی، امضاء طرح موافقتنامه بین حکومت ج.ا. افغانستان و حکومت ج. تاجیکستان "در مورد همکاری در عرصه احداث و استفادهٔ خط لولهٔ گاز افغانستان- تاجیکستان" به تعویق گذاشته شود.

## ۴. همکاری در عرصه پیشگیری و رفع حالات اضطراری

۴.۱. طرفین به توافق رسیدند، که موافقتنامه دوجانبه در عرصه جلوگیری و رفع حالات اضطراری را که قبلاً مسودهٔ آن مورد تأیید طرفین قرار گرفته در حاشیه کنفرانس منطقوی عاید به کاهش خطر آفات طبیعی برای مکالمه با اعتماد و با ثمر در مستحکم نمودن همکاری کشورهای منطقه در تطبیق برنامه قالبی "Sendai برای سال های ۲۰۱۵-۲۰۳۰" که بتاریخ ۲۱ اگست ۲۰۱۹ در شهر دوشنبه برگزار میگردد، به امضاء رسانند؛

۴.۲. جانب تاجیکستان پیشنهاد می‌نماید که در زمینهٔ مرکز جمهوریوی تعلیمی-متودی کمیتهٔ حالات فوق‌العاده و دفاع شهروندی مربوط به حکومت جمهوری تاجیکستان آموزش متخصصین جمهوری اسلامی افغانستان را در زمینه فعالیت های جستجو و نجات‌دهی با همکاری سازمان های بین‌المللی و تمویل کنندگان راه اندازی نمایند.

## ۵. کمیتهٔ حفظ محیط زیست

طرفین توافق نمودند که در راستای حفظ محیط زیست در عرصه های ذیل همکاریها را تقویت بخشند:

۵.۱. طرفین به ترتیب مسودهٔ و امضای یادداشت تفاهم همکاری محیط زیستی میان ادارهٔ ملی حفاظت محیط زیست ج.ا.افغانستان و کمیته حفظ زیست نزد حکومت جمهوری تاجیکستان که شامل عرصه های ذیل می شود، تأکید نمودند:

۵,۱,۱.تبادل ارقام و معلومات در ساحه حفاظت محیط زیست و تغیر اقلیم؛

۵,۱,۲.همکاری در عرصه های آموزش متخصصین محیط زیست، تبادل نتایج تحقیقاتی و تجارب علمی و تدویر برنامه های آموزش فنی و مسلکی؛

۵,۱,۳. طرح و تطبیق استراتیژی های مشترک حفاظت محیط زیستی، پروگرام ها و پروژه های محیط زیستی با جلب کمک های مالی و تخنیکی سازمان های بین المللی؛

۵,۱,۴. همکاری ها در جهت حفاظت و احیای مجدد زیستگاه گونه های سیار، حیوانات و پرندگان و حفاظت از تنوع حیات و ایکو سیستم؛

۵.۱.۵. همکاری در قسمت ارزیابی اثرات محیط زیستی؛

۵,۱,۶. همکاری ها در چارچوب تطبیق کنوانسیون های بین المللی محیط زیستی و تغیر اقلیم.

۵.۲. طرفین توافق نمودند که در بخش نظارت و کیفیت منابع آبهای حوزه دریای پنج/آمو همکاری نمایند.

## ۶. همکاری در عرصه صنعت

۶.۱. طرفین در مورد بررسی مسائل و کیفیت صادرات محصولات صنعتی از جمله فابریکه های صنعتی مانند: تجهیزات تکنالوژی برقی، ترانسفارمرها، چراغ های کم‌مصرف دیودی، ناقل های المونیم، مواد مخصوص کیمیاوی، کلر مایع، سیخ گول و کنجک های فلزی، قبور، پرافیل های فلزی و المونیم از جانب ج. تاجیکستان به بازار ج.ا. افغانستان و محصولات صنعتی مانند: مایعات شوینده، نوشابه های غیر الکولی و تولیدات پلاستیک از جانب ج.ا.افغانستان به بازار ج. تاجیکستان تأکید ورزیدند؛

۶.۲. طرفین به تأسیس فابریکه های تولیدی قالین های دستباف ج.ا. افغانستان و ج. تاجیکستان در ج. تاجیکستان و صادرات نخ های پخته رنگ شده و تکه های پخته ای(نخی) به ج.ا. افغانستان اشاره نمودند؛

۶.۳. جانب تاجیکستان تعهد نمود تا در راستای تحویل تراکتورهای تولید شرکت سهامی "اگراتیخ سرویس" شهر حصار به اتحادیه های دهاقین ج.ا افغانستان همکاری های لازم را فراهم نمایند؛

۶.۴. طرفین افزایش صادرات نمک و سمنت تولید شده از ج. تاجیکستان به ج.ا افغانستان و صادرات سنگ مرمر، ذغال سنگ، سنگ های قیمتی و نیمه قیمتی از ج.ا.افغانستان به ج.تاجیکستان را بررسی می نمایند.

## ۷. همکاری در عرصه نقلیات(ترانسپورت)

### نقلیات راه آهن

۷.۱. طرفین توافق نمودند که بررسی موضوع و ساختمان راه آهن تاجیکستان-افغانستان-ترکمنستان، جلال‌الدین بلخی (کالخوزآباد)- جیحون- پنج پایان (تاجیکستان)- شیرخان بندر- قندز- مزارشریف- شبرغان- اندخوی- آقینه (افغانستان) و مسیر فرعی راه آهن بشکنت (تاجکستان ) – کلدار – جیرتان – افغانستان سرعت بخشیده شود؛

۷.۲. طرفین توافق نمودند تا طی مدت یکماه از امضای سند این پروتوکول، موافقتنامه بین الحکومتی میان جمهوری تاجکستان و جمهوری اسلامی افغانستان در مورد ساختمان راه آهن مسیر اصلی جلال الدین بلخی (کلخوز آباد) – جیحون – پنج پایان (تاجکستان) و شیرخان بندر (افغانستان ) و مسیر فرعی راه آهن بشکنت (تاجکستان) – کلدار – جیرتان – افغانستان را نهایی و به امضا برسانند و برای تطبیق این پروژه اقدامات عملی را روی دست گیرند.

۷.۳. جانب افغانستان پیرامون اعمار خط آهن مزارشریف – هرات و ایجاد کنسرسیوم مرتبط معلومات ارایه کرد و جانب تاجکستان اظهار علاقمندی جهت شرکت در کنسرسیوم متذکره را نمود، موضوع از مجاری دیپلوماتیک بررسی میگردد.

۷.۴. جانب تاجیکستان از جانب افغانستان درخواست نمود که برای صادرات مواد ساختمانی سیمنت از ج. تاجیکستان به ج.ا. افغانستان از طریق راه آهن سهولت ایجاد شود جانب افغانستان وعده نمود تا سهولت های لازم را جهت ارایه خدمات بهره برداری و تخنیکی فراهم خواهد نمود؛

۷.۵. طرفین توافق نمودند تا دوره دوم آموزشی فنی و تخصصی خط آهن را بشکل تیوری و عملی برای ۱۰۰ نفر کارمندان خط آهن افغانستان در 2 برنامه جداگانه در موسسه های کسبی جمهوری تاجیکستان دایر نماید.

### نقلیات وسایط نقلیه؛

۷.۶. طرفین توافق نمودند که جهت تطبیق نظام رخصتناموی در حمل و نقل بین‌المللی موتری بین ج.ا. افغانستان و ج. تاجیکستان تدابیر عملی اندیشیده، در اسرع وقت استفاده از نظام متذکره مناسبات نقلیاتی را گسترش دهند؛

۷.۷. طرفین در مورد افتتاح خط السیرهای مسافربری موتری بین شهرهای بزرگ تاجیکستان و افغانستان ابراز موافقت نمودند؛

۷.۸. طرفین توافق نمودند تا در زمینه حمل و نقل تجارتی و ترانزیتی میان هر دو کشور اجراآت اداری لازم و مؤثر را روی دست گیرند؛

۷.۹. طرفین توافق نمودند تا در راستای اجتناب از تأخیر غیر لازم در انتقال اموال و وسایط نقلیه تجارتی طرفین متعاهد و از طریق قلمروهای یکدیگر به کشور ثالث همکاری های لازم نمایند؛

۷.۱۰. طرفین در مورد به حداقل هزینه های پارکینگ از طریق برگزاری نشست میان طرفین متعاهد توافق نمودند؛

۷.۱۱. جانب تاجیکستان پیشنهاد جانب افغانستان مبنی بر ایجاد کمیتهٔ حمل و نقل در بخش ترانسپورت جهت رسیدگی به مشکلات مرزی و بازدید از مرزها به سطح رؤسای طرفین متعاهد که سالانه به قلمرو طرفین متعاهد طور نوبتی برگزار گردد را قبول نمود؛

۷.۱۲. طرفین به تدویر تعلیم و آموزش متخصصین، محققین، تکنیشن های عرصه ترانسپورتی و انجام مطالعات مشترک در مرکز های آموزشی متخصصان شامل بخش های مربوطه توافق نمود؛

۷.۱۳. طرفین توافق نمودند تا نظریات و معلومات خویشرا در عرصه ترانسپورت با یکدیگر شریک نمایند؛

۷.۱۴. جانب تاجیکستان به پیشنهاد جانب افغانستان مبنی بر ایجاد سهولت های لازم در قسمت پروسیجر حمل و نقل، شرایط حتمی بیمه، مکلفیت های حقوقی و شهروندی برای مالکین وسایط ترانسپورتی ابراز موافقت نمود؛

۷.۱۵. طرفین به تحکیم روابط حسن همجواری در عرصه های ترانسپورتی و ترانزیتی میان طرفین متعاهد تأکید نمودند؛

۷.۱۶. طرفین توافق نمودند که برای جلوگیری از حرکت وسایط نقلیه که از وزن مجاز تجاوز می نماید، تدابیر لازم را بیاندیشد.

**نقلیاتی هوایی؛**

۷.۱۷. مقامات هوانوردی طرفین در راستای افتتاح مسیر های هوایی جدید با همدیگر همکاری نمایند.

## ۸. همکاری در عرصه گمرکی

۸.۱. طرفین براساس رویه بالمثل معیارهای پرداخت ها برای رخصتنامه، حق العبور، مدت بود و باش و انجام عملیات برای وسایط نقلیه بارکش تا ۱۵ روز تعیین نمایند؛

۸.۲. طرفین توافق نمودند تا طبق چهارچوب تعهدات جمهوری اسلامی افغانستان بر اساس موافقتنامه‌ها و کنوانسیون ها، از جمله برنامهٔ همکاری های اقتصادی منطقهٔ آسیای مرکزی (CAREC) و سازمان عمومی تجارت جهانی جهت رشد تجارت و مسائل حمل و نقل ترانزیتی در قلمرو این کشور تدابیر لازم را اتخاذ نماید؛

۸.۳. ادارات گمرک افغانستان و تاجیکستان پروسه تطبیق موافقتنامه همکاریهای گمرکی سال ۲۰۱۴، پروتوکول تخنیکی و پلان تطبیقی را تسریع و بهبود بخشند؛

۸.۴. طبق پلان تطبیقی موافقتنامه همکاریهای گمرکی که به تاریخ ۳۰ نوامبر سال ۲۰۱۸ توسط رؤسای گمرکات افغانستان و تاجیکستان به امضاء رسیده و براساس سند مشخصات تخنیکی تبادل الکترونیک معلومات، گمرک جانب تاجیکستان طبق ماده اول پروتوکول تخنیکی و جزء ۷ پلان تطبیقی، پروسه تأیید نمودن (Confirmation) سیستم مواصلت محموله هایی را که از افغانستان وارد تاجیکستان می شود در پورتال تبادل معلومات آغاز نمایند؛

۸.۵. گمرکات هر دو جانب معلومات تبادله شده را پس از مقایسه و مطابقت دادن ماهوار از طریق اشخاص ارتباطی با همدیگر شریک سازند؛

Ш. С.

۸.۶. طبق فیصله نشست گمرکی میان ادارات گمرکی هر دو کشور، جانب تاجیکستان بازدید رئیس عمومی گمرکات و هیئت همراه را از گمرک بدخشان تسهیل نماید.

## ۹. همکاری در عرصه کشاورزی

۹.۱. طرفین توافق نمودند که طرح موافقتنامه در مورد همکاری در عرصه زراعت میان ج.ا. افغانستان و ج. تاجیکستان را که از جانب وزارت زراعت ج. تاجیکستان تهیه گردیده است، در اسرع وقت امضاء نمایند؛

۹.۲. طرفین توافق نمودند که صادرات محصولات زراعتی را تقویت بخشند؛

۹.۳. طرفین توافق نمودند که مبارزه مشترک و تبادل معلومات را در مناطق سرحدی علیه ملخ و دیگر حشرات مضر را تقویت بخشند؛

۹.۴. طرفین بر همکاری ها در ساحه زراعت منجمله باغداری و تخم پروری توافق نمودند.

۹.۵. طرفین بر همکاری های تخنیکی در ساحه مالداری و وترنری توافق نمودند.

۹.۶. طرفین بر همکاری در عرصه های آموزش متخصصین زراعت، تبادل نتایج تحقیقاتی و تجارب علمی و تدویر برنامه های آموزشی فنی و مسلکی تعهد نمودند.

## ۱۰. همکاری در عرصه فرهنگ

۱۰.۱. طرفین روابط فرهنگی در حوزه های صنعت موسیقی و تبادل گروه های هنری و تئاتر را گسترش دهند؛

۱۰.۲. طرفین به گسترش روابط جهت اشتراک نمایندگان دو کشور در مراسم فرهنگی بین‌المللی، فیستوال ها و سایر نماشگاه های که مربوط به هنر های مردمی که در قلمرو طرفین برگزار می شود، تأکید نمودند؛

۱۰.۳. طرفین توافق نمودند که در عرصه تبادل مواد و نشریه‌های فرهنگی بین دو کشور، ترمیم آثار باستانی همکاری نمایند؛

۱۰.۴. طرفین توافق نمودند که جهت برگزاری روزهای فرهنگی ج. تاجیکستان در ج.ا. افغانستان و روزهای فرهنگی ج.ا. افغانستان در ج. تاجیکستان در زمان مساعد با همدیگر همکاری نمایند؛

۱۰.۵. طرفین تأکید نمایند، که بادرنظرداشت امکانات و نیازمندی یکی از طرفین، زمینه بورس های تحصیلی را در رشته های باستان شناسی، اتنوگرافی، هنرهای زیبا و آبدات تاریخی برای همدیگر فراهم نمایند.

## ۱۱. همکاری در عرصه ورزش و سیاحت

### عرصه ورزش

۱۱.۱. طرفین به تبادل تجارب متخصصین ورزش موافقت نمودند؛

۱۱.۲. جانب تاجیکستان ورزشکاران ج.ا. افغانستان را در مسابقات بین المللی که در قلمرو ج. تاجیکستان برگزار می گردد، دعوت می نماید؛

۱۱.۳. طرفین توافق نمودند که برگزاری کمپ های تمرینی و تعلیمی مشترک کورس های مربگیری، ارتقای ظرفیت مدیران ورزش به راه انداخته شود.

۱۱.۴. طرفین توافق نمودند که دانشمندان جوان در کنفرانس های بین المللی علمی و همچنان در فیستیوال های دوستی که در قلمرو یکدیگر برگزار می گردد، اشتراک می نمایند.

**عرصه سیاحتی(توریزم)**

۱۱.۵. طرفین توافق نمودند که جهت فراهم ساختن برگزاری فورم ها و نمایشگاهای سیاحی تاجیکستان و افغانستان تدابیر لازم را اتخاذ نمایند؛

۱۱.۶. طرفین توافق نمودند تا برنامه های همکاری مشترک در بخش سیاحی را برای سال های ۲۰۲۰-۲۰۲۵ تهیه نمایند.

## ۱۲. همکاری در عرصه معارف و تحصیلات عالی

۱۲.۱. طرفین توافق نمودند که در مورد برگزاری تحقیقات علمی مشترک در عرصه های نوآوری و تکنولوژی معلوماتی همکاری نمایند؛

۱۲.۲. طرفین توافق نمودند تا در رابطه به تبادل اطلاعات در مورد تجارب، مدیریت و تشکیلات در عرصه تقویت معارف و علم همکاری نمایند؛

۱۲.۳. طرفین توافق نمودند تا پیرامون اشتراک اساتید و دانشجویان در کنفرانس ها، سمپوزیوم ها و همایش های منطقوی و بین‌المللی علمی با همدیگر همکاری نمایند؛

۱۲.۴. جانب افغانستان مسأله بورسیه ها در سطح ماستری و دوکتورا (PHD) را برای بررسی به جانب تاجیکستان پیشنهاد نمود؛

۱۲.۵. طرفین توافق نمودند که مسأله همکاری میان مؤسسات تحصیلات عالی را بررسی نمایند.

## ۱۳. همکاری در عرصه صحت (عامه) و حفظ اجتماعی اهالی

۱۳.۱. طرفین توافق نمودند که متخصصین ج.ا. افغانستان را که در ترتیب مقررگردیده در بخش های مختلف حوزه طب آماده نمایند؛

۱۳.۲. وزارت صحت و حفظ اجتماعی اهالی ج. تاجیکستان در آینده نیز آماده است که برای تشخیص و معالجهٔ شهروندان جمهوری اسلامی افغانستان در مؤسسات اجتماعی و طبابتی سرحدی ج. تاجیکستان طبق مقرارت تعیین شده همکاری نماید؛

۱۳.۳. طرفین توافق نمودند که در روند جلوگیری، راجستر و گسترش امراض ساری و تقویت بخشیدن نظارت ضد اپیدیمیولوژی در محل عبور و مرور مرزی با همدیگر همکاری دوجانبه نمایند؛

۱۳.۴. طرفین توافق نمودند تا در راستای جلوگیری از واردات و صادرات داروهای جعلی و بی کیفیت همکاری نمایند.

## ۱۴. همکاری در عرصه بیمه

۱۴.۱. طرفین برای تجدید موافقتنامه همکاری بین ادارهٔ بیمهٔ جمهوری تاجیکستان و ریاست عمومی امور بیمه های وزارت مالیه ج.ا. افغانستان، تشریک معلومات بیمه ای و انتقال تجارب مشترک در امور بیمه تأکید ورزیدند؛

۱۴.۲. طرفین در مورد عمل باالمثل در امور بیمه مطابق چهارچوب حقوقی دو کشور توافق نمودند.

## ۱۵. زمینهٔ توافقی و قانونی روابط دوجانبه

طرفین توافق می نمایند که:

- زمینه های توافقی و قانونی روابط دوجانبه را تحکیم بخشند؛
- روند توافقات طرح های اسناد دوجانبه را سرعت بخشند؛
- امکانات توافقی و قانونی روابط دوجانبه را در نیم سال اول ۲۰۲۰ تدویر نمایند.

## ۱۶. همکاری ها در تطبیق یادداشت تفاهم تبادل معلومات آب شناسی و اطلاعات وابسته به آن منعقده ۲۵ نوامبر ۲۰۱۴

۱۶.۱. جانب تاجیکستان از جانب افغانستان درخواست نمود که تدابیر لازم جهت تطبیق عملی یادداشت تفاهم فوق الذکر بخصوص در بخش استفادهٔ مؤثر تجهیزات و تبادله اطلاعات آب سنجی غرض به موقع آگاه نمودن اهالی اطراف دریای آمو از آفات طبیعی.

۱۶.۲. طرفین توافق نمودند، که برای نظارت بدون ممانعت و به موقع اندازه گیری عمق و جریان آب در حوزهٔ پنج دریای آمو تدابیر اتخاذ نموده و اشخاص متصدی را برای نظارت رفت و اجرای موافقتنامه های بدست آمده به همدیگر معرفی نمایند.

## ۱۷. در رابطه به برگزاری هشتمین اجلاس کمیسیون

طرفین به توافق رسیدند که جلسهٔ هشتم کمیسیون سال ۲۰۲۰ در شهر کابل دایر گردد و تاریخ برگزاری جلسه از مجاری دیپلماتیک معین خواهد شد.

پروتوکول به تاریخ ۵ جولای ۲۰۱۹ مطابق با ۱۴ سرطان ۱۳۹۸ هجری خورشیدی در شهر دوشنبه در دو نسخهٔ اصلی با زبان های تاجیکی و دری که از اعتبار یکسان برخوردارند، به امضاء رسید.

| | |
|---|---|
| محترم داکتر همایون قیومی | محترم خدایارزاده خدایار ذوقی بیک |
| [signature] | [signature] |
| وزیر مالیه | وزیر نقلیات |
| جمهوری اسلامی افغانستان | جمهوری تاجیکستان |

# ПРОТОКОЛИ
## ҷаласаи ҳафтуми Комиссияи муштараки байниҳукуматии иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва техникӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Ҷаласаи ҳафтуми Комиссияи муштараки байниҳукуматии иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва техникӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки минбаъд "Комиссия" номида мешавад, дар таърихи 4-5 июли соли 2019 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Раисии ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистонро Худоёрзода Худоёр Завқибек– Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раисии ҳайати Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро доктор Муҳаммад Ҳумоюн Қаюмӣ-Сарпарасти Вазорати молия ва Мушовири аршади Мақоми Олии Раёсатҷумҳурии Афғонистон ба ӯҳда доштанд.

Рӯйхати аъзои ҳайатҳои ҳар ду ҷониб, ки минбаъд "Ҷонибҳо" номида мешавад дар замимаи 1 ва 2 пешниҳод карда мешавад.

Нишастҳои расмии Ҷонибҳо ва гурӯҳҳои кории Комиссия дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстона, ки баёнгари суннатҳои муштараки робитаҳои бародарона ва самимонаи ду кишвар мебошад, баргузор гардидаанд.

Ҷонибҳо, ҷиҳати иҷрои муқаррароти санадҳои имзошуда ва Протоколи ҷаласаҳои шашуми Комиссия, вазифадор намудани вазорату идора ва ташкилотҳои дахлдори худро барои дар амал татбиқ намудани мувофиқатҳои қаблии ба дастомада таъкид карданд.

Зимни баррасии масъалаҳо ва роҳҳои густариши робитаҳои иқтисодӣ ва бозоргонӣ дар ҷаласаҳои коршиносон, дар асоси манфиатҳои мутақобил ва ҳуқуқии баробар, дар бахшҳои зерин ба мувофиқа расиданд:

### 1. Ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии байни ду кишвар

Комиссия ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳо дар самти иқтисодиёту тиҷорати ду кишвар ба мувофиқа расиданд то масъалаҳои зерин мавриди баррасии вазоратҳо, идораву корхонаҳои дахлдори Тоҷикистону Афғонистон қарор дода шаванд:

1.1. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки таъсиси корхонаҳои муштараки миёна ва хурдро барои истеҳсоли молҳои саноатӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монанд;

1.2. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҷиҳати ҷалби сармояи кишварҳои донор ва шарикони рушди байналмилалӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони фаннии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд;

1.3. Ҷонибҳо мувофиқа намуданд, ки ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои густариши гардиши мол миёни ҳарду кишвар, аз ҷумла: меваи тару хушк, сабзавот ва молҳои саноатӣ ҳамкорӣ намоянд;

Ж.С.

1.4. Ҷониби Афғонистонӣ пешниҳоди бекор кардани боҷи гумрукӣ аз ҷониби Афғонистон барои воридоти намаки истеҳсоли Тоҷикистонро баррасӣ хоҳад кард;

1.5. Бо дарназардошти тамоюли рушди тиҷорати дуҷониба, Ҷонибҳо мувофиқа намуданд, ки аз воситаҳои мухталиф ҷиҳати рушди тиҷорати мутақобила истифода ва ҳимоят хоҳанд кард, аз ҷумла;

- Ба роҳ мондани намоишгоҳи муштараки солонаи тиҷоратӣ ва мусоидат барои соҳибкорон ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳои тарафайн;
- Ба роҳ мондани нишастҳои дуҷониба ва бизнес-Форумҳои тиҷоратӣ;
- Мубодилаи маълумот ва пешниҳодҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ;
- Соддагардони бештари расмиётҳои содиротию воридотӣ, аз ҷумла татбиқи Созишномаи Созмони умумиҷаҳонии савдо оид ба соддагардонии савдо.
- Ҷониби Афғонистонӣ ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба Созишномаи мавҷудаи тиҷоратию иқтисодии байни ду кишвар, ки соли 2004 ба имзо расидааст, дархост намуд.

1.6. Ҷонибҳо мувофиқа намуданд, ки ҷиҳати рушди муносибатҳои тиҷоратӣ соддагардонии сафари соҳибкорон ва ронандагони ду кишварро баррасӣ намоянд.

## 2. Ҳамкорӣ дар соҳаи стандартизатсия

2.1. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки ҳамкориҳоро байни Идораҳои стандартизатсия, метрология ва баҳодиҳии мутобиқат дар асоси Ёддошти тафоҳуми баимзорасида, вусъат диҳанд.

2.2. Ҷонибҳо дар мавриди ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба дар соҳаи равандҳои арзёбии мутобиқат (Conformity Assessment) барои молҳои содиротӣ ва воридотии байни ду кишвар мувофиқа намуданд.

2.3. Ҷонибҳо таҳия намудани Созишномаи эътирофи муштараки мутобиқат (Mutual Recognition-Agreement), ки он назорати озмоиши лабараторӣ ва судури тасдиқномаҳоро барои маҳсулот дар бар мегирад, мувофиқа намуданд;

2.4. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҷаласаи гурӯҳи коршиносонро ҷиҳати омӯзиши масъалаҳои вобаста ба таҳияи лоиҳаи Созишнома ва мушаххасоти он доир намоянд.

2.5. Ҷониби Тоҷикистон дар самти мубодилаи таҷриба дар соҳаи стандартизатсия ва дастрасӣ ба истифодаи стандартҳои GOST бо назардошти эҳтиёҷоти Идораи миллии стандарти Афғонистон ҳамкорӣ хоҳад намуд.

## 3. Ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, захираҳои обӣ ва нафту газ

### Ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика ва барқ

3.1. Ҷонибҳо оид ба афзоиши ҳаҷми интиқоли нерӯи барқ дар фаслҳои тобистон ва зимистон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба мувофиқа расиданд.

М. С.

3.2. Ҷонибҳо оид ба густариши ҳамкориҳо дар самти бо барқи доимӣ таъмин намудани вилоятҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба мувофиқа расиданд.

3.3. Ҷонибҳо оид ба табодули таҷрибаи корӣ ва донишҳои фаннӣ, махсусан дар соҳаи энергетика барои таҷдид намудани таҳқиқотҳои илмию техникӣ, инчунин истифодаи имкониятҳои муассисаҳои илмии Тоҷикистон барои тайёр намудани мутахассисони соҳаи энергетика оид ба сохтмони обанборҳо ва НБО-и хурд, таъмири трансформаторҳои қуввагӣ, ҳамчунин дар мавриди зарурати ҷониби афғонистонӣ, ворид намудани мавод ва таҷҳизотҳои барқии истеҳсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қабили симҳои луч ва кабелҳои қуввагӣ ба Ҷумхурии Исломии Афғонистон, ба мувофиқа расиданд.

3.4. Ҷонибҳо ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судмандро байни ниҳодҳои марбутаи ҳарду кишвар оид ба татбиқи “Лоиҳаи сохтмони хати интиқоли барқӣ-500 кВ “Роғун-Пули Хумрӣ”, ба мувофиқа расиданд.

3.5. Ҷонибҳо ҷиҳати таҳким ва густариши ҳамкориҳо дар бахши барқтаъминкунӣ бо ширкати “Помир Энержӣ” барои вилояти Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ба мувофиқа расиданд.

3.6. Ҷонибҳо дар татбиқи лоиҳаи НБО “Санобод” ва “Себзор” ҳамкорӣ менамоянд.

3.7. Ҷониби Афғонистон аз ҷониби Тоҷикистон дархост намуд, ки ширкатҳои хусусии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамкорӣ дар татбиқи лоиҳаҳо ва сармоягузорӣ дар самти сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар ҳудуди Афғонистон бо мақсади истеҳсоли нерӯи барқ, тарғиб карда шаванд.

3.8. Ҷониби Афғонистонӣ пешниҳод намуд, ки Қарордод оид ба нерӯи барқ барои вилояти Кундуз тариқи хати интиқоли барқи 110 кВ бо тарифи қаблӣ барои панҷ соли оянда тамдид карда шавад.

Ҷониби Тоҷикистон иброз намуд, ки пешниҳоди ҷониби Афғонистон айни замон қобили қабул набуда, баъдан масъалаи мазкурро баъди ба итмом расидани мӯҳлати карордоди амалкунанда дар мувофиқа бо сохторҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд.

**Соҳаи захираҳои обӣ**

3.9. Ҷонибҳо мувофиқа намуданд, ки ҳамкориҳоро дар бахши соҳилмустаҳкамкунӣ дар дарёи Панҷ идома диҳанд.

**Соҳаи нафту газ**

3.10 Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки дар ҳолати зарурӣ дар самти омӯзиш ва иктишофи нафту газ дар майдонҳои ояндадори нафту гази байнисарҳадӣ ҳамкорӣ намоянд.

3.11. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки бинобар сабаби айни замон эҳтиёҷ надоштани ҷамъиятҳои соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гази табиӣ, баимзорасонии лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон “Дар бораи ҳамкорӣ дар сохтмон ва истифодабарии лӯлаи хати газгузари Афғонистон-Тоҷикистон” мавқуф гузошта шавад.

## 4. Ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда

4.1. Ҷонибҳо ба мувофиқа омадаанд, ки Созишномаи дуҷонибаро дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, ки қаблан парофшуда аст, дар рафти Конфронси минтақавии оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ барои муколамаи боэътимод ва босамар дар мустаҳкам намудани ҳамкориҳои кишварҳои минтақа дар татбиқи “Барномаи қолабии Сендай барои солҳои 2015-2030”, ки санаи 21 августи соли 2019 дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, ба имзо расонанд.

4.2 Ҷониби Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки дар заминаи Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзонидани мутахассисони Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро дар фаъолиятҳои ҷустуҷӯию наҷотдиҳӣ бо ҳамкории ташкилотҳои байналмиллалӣ ва донорҳо ба роҳ монад.

## 5. Ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист

Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар самтҳои зерин ҳамкориҳо тақвият дода шавад;

5.1. Баррасии масъалаи таҳияи лоиҳаи Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист байни Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Идораи миллии ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, аз ҷумла:

- Табодули маълумот дар самти ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим.
- Ҳамкорӣ дар самти мубодилаи таҷриба дар самти ҳифзи муҳити зист, табодули натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ва таҳияи барномаҳои омӯзишии соҳавӣ.
- Таҳия ва татбиқи сратегияҳои муштараки ҳифзи муҳити зист, барномаҳо ва лоиҳаҳои муҳити зист бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва кӯмаки техникӣ аз ҳисоби созмонҳои байналмилалӣ.
- Ҳамкорӣ дар самти ҳифзи наботот, ҳайвонот ва паррандаҳои кӯчанда, инчунин ҳифзи экосистемаҳо.
- Ҳамкорӣ дар самти арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист.
- Ҳамкорӣ дар чорчӯбаи татбиқи конвенсияҳои байналмилалии муҳити зист ва тағйирёбии иқлим.

5.2. Ҷонибҳо мувофиқа намуданд, ки дар бахши назорат ва сифати манбаи оби ҳавзаи дарёи Панҷ-Омӯ ҳамкорӣ намоянд;

## 6. Ҳамкорӣ дар соҳаи саноат

6.1. Ҷонибҳо дар мавриди баррасии масъалаи сифати содироти маҳсулотҳои корхонаҳои соҳаи саноат ба монанди таҷҳизоти технологии баркӣ,



М.С.

трансформаторҳо, чароғҳои каммасрафӣ диодӣ, ноқилҳои алюминӣ, моддаҳои махсуси химиявӣ, хлори моеъ, арматура ва кунҷакҳои металлӣ, қубур, профилҳои металлӣ ва алюминӣ аз ҷониби Тоҷикистон ба бозори Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва маҳсулоти саноатӣ аз қабили моеъи шустушуӣ, нушобаҳои ғайримашруботӣ ва маводҳои пластикӣ аз ҷониби Афғонистон ба бозори Тоҷикистон таъкид намуданд.

6.2. Ҷонибҳо ба таъсиси коргоҳҳои истеҳсоли қолинҳои дастбофи Афғонистон ва Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироти риштаи пахтагини рангкардашуда ва матоъҳои пахтагин ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ишора намуданд.

6.3. Ҷониби Тоҷикистон тасдиқ намуд то дар самти таҳвили тракторҳои истеҳсоли ҶСП "Агротехсервис"–и ш. Ҳисор ба хоҷагиҳои кишоварзии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон фароҳам намоянд.

6.4. Ҷонибҳо афзоиши содироти намак ва сементи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро ва содироти санги мармар ва ангиштсанг ва сангҳои қимматбаҳо ва нимқимматбаҳо аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба Тоҷикистонро баррасӣ намоянд.

## 7. Ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт

### Нақлиёти роҳи оҳан

7.1. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки баррасии масъалаи сохтмони роҳи оҳани Тоҷикистон-Афғонистон-Туркманистон (Ҷалолиддини Балхӣ (Колхозобод)-Ҷайҳун-Панҷи Поён (Тоҷикистон)– Шерхон-Бандар – Қундуз - Мазори Шариф-Шибирғон–Андхой-Оқина (Афғонистон) ва роҳи оҳани Бешкент (Тоҷикистон) –Калдор-Ҳайратон (Афғонистон), тезонида шавад;

7.2. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар муҳлати як моҳи баъд аз имзои Протоколи мазкур, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба сохтмони роҳи оҳани масири асосӣ: Ҷалолиддини Балхӣ (Колхозобод)-Ҷайҳун-Панҷи Поён (Тоҷикистон)-Шерхон Бандар (Афғонистон) ва масири иловагии роҳи оҳани Бешкент (Тоҷикистон)-Калдор-Ҳайратон (Афғонистон)-ро таҳия ва расмиёти дахлдорро ҷиҳати баимзорасонии он ба анҷом расонанд;

7.3. Ҷониби Афғонистон оид ба лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани нави Мазори Шариф–Ҳирот ва эҷоди консорсиум маълумот ироа намуда, ҷониби Тоҷикистон изҳори алоқамандӣ ҷиҳати ширкат дар ин консорсиум изҳор намуд. Масъалаи мазкур тариқи роҳҳои дипломатӣ баррасӣ мегардад;

7.4. Ҷониби Тоҷикистонӣ аз ҷониби Афғонистонӣ дархост намуд, ки ҷиҳати содироти маҳсулоти сохтмонии семент аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон тариқи роҳи оҳани Афғонистон, тахфиф (сабукиҳо) пешниҳод гардад. Ҷониби Афғонистон иқдом гирифт, ки шароити лозимаро барои хадамоти баҳрабардорӣ ва техникӣ фароҳам меоварад;

7.5. Ҷонибҳо мувофиқа намуданд дар бахши таҷрибаомӯзи давраи дуюми барномаи омӯзиши миёнамӯҳлати 100 нафар кормандони Идораи хатти оҳани Афғонистонро дар ду барномаи ҷудогона дар муассисаҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир намоянд;

**Нақлиёти автомобилӣ;**

7.6. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки ҷиҳати татбиқи низоми рухсатномавӣ дар ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон чораҳои амалӣ андешида, дар фурсати наздиктарин бо истифода аз низоми мазкур муносибатҳои нақлиётиро густариш диҳанд.

7.7. Ҷонибҳо дар мавриди кушодани хатсайрҳои мусофиркашонии автомобилӣ байни шаҳрҳои калони Тоҷикистон ва Афғонистон мувофиқат намуданд;

7.8. Ҷонибҳо мувофиқа намуданд, ки дар заминаи ҳамлу нақли тиҷоратӣ ва транзитӣ миёни ҳар ду кишвар муносиботи лозимии идоравиро роҳандозӣ намоянд;

7.9. Ҳар ду ҷониб бо инобати риояи талаботи қонунгузории дохилии Ҷонибҳо ҷиҳати амалӣ намудани ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ ба мувофиқа омаданд, ки ҳамкориҳои лозимиро барои интиқоли молу маҳсулот тариқи қаламрави якдигар ба кишвари сеюм ба роҳ монанд;

7.10. Ҳар ду ҷониб дар мавриди ба ҳадди ақал поён бурдани ҳаққи хизматрасонии таваққуфгоҳҳо аз тариқи баргузории нишаст миёни мақомоти марбутаи Ҷонибҳо, мувофиқа намуданд;

7.11. Ҷониби Тоҷикистон пешниҳоди ҷониби Афғонистонро оид ба таъсиси гурӯҳи корӣ ва ба таври навбатӣ ҳар сол як маротиба дар ҳудудҳои якдигар баргузор намудани боздид ҷиҳати баррасии мушкилоти ҷойдошта дар самти ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ қабул намуд;

7.12. Ҷонибҳо ба доир намудани таълим ва омӯзиши мутахассисон, муҳаққиқони техникии соҳаи нақлиётӣ дар марказҳои омӯзишии мутахассисон ва анҷом додани мутолиоти муштарак дар бахшҳои марбута, мувофиқат намуданд;

7.13. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки мубодилаи маълумотро дар соҳаи нақлиёт амалӣ намоянд;

7.14. Ҷониби Тоҷикистон ба пешниҳоди ҷониби Афғонистон оид ба таъмини сабукиҳои лозимӣ барои ҳамлу нақл, суғуртаи ҳатмӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ ва шаҳрвандӣ барои соҳибони воситаҳои нақлиёт ба мувофиқат расиданд;

7.15. Ҷонибҳо ба таҳкими муносибатҳои мутақобила дар соҳаи нақлиёт ва транзит таъкид намуданд.

7.16. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки барои пешгирии ҳаракати воситаҳои нақлиёте, ки вазну андозаашон аз меъёрҳои муқарраргардида зиёданд, тадбирҳои иловагӣ андешанд.

**Нақлиётӣ ҳавоӣ;**

7.17 Мақомоти авиатсионии ҷонибҳо дар самти кушодани хатҳои аэронавигатсионии нав ҳамкориҳоро идома диҳанд.

## 8. Ҳамкорӣ дар соҳаи гумрук

**8.**1. Ҷонибҳо дар асоси баробарӣ пешбинӣ шудани меъёрҳои пардохтҳо барои рухсатнома, фонди роҳ, муҳлати буду бош ва анҷоми амалиётҳо барои воситаҳои нақлиёти боркаш то ба 15 рӯз, тайин намоянд.

**8.2.** Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар доираи ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба талаботи созишномаҳо ва конвенсияҳо, аз ҷумла Барномаи Ҳамкориҳои Иқтисодии Минтақаи Осиёи Марказӣ (CAREC) ва Созмони умумиҷаҳонии савдо андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати рушди тиҷорат ва масъалаҳои ҳамлу нақли транзитӣ дар ҳудуди ин кишвар, чораҳои зарурӣ андешанд.

**8.**3. Мақомоти гумрукии Афғонистон ва Тоҷикистон раванди татбиқи Созишномаи ҳамкориҳои гумрукии соли 2014, Протоколи техникӣ ва нақшаи татбиқиро суръат ва беҳбуд бахшанд.

**8.**4. Тибқи Нақшаи татбиқии Созишномаи ҳамкориҳои гумрукӣ, ки дар санаи 30.11.2018 сол тавассути роҳбарони мақомоти гумрукии Афғонистон ва Тоҷикистон ба имзо расида аст ва бар асоси ҳуҷҷати мушаххассоти техникии мубодилаи электронии маълумот, гумруки ҷониби Тоҷикистон тибқи модаи 1 Протоколи техникӣ ва ҷузъи 7-и Нақшаи татбиқии раванд, тасдиқ намуданд (Confirmation) Системаи расонидани борҳоеро, ки аз Афғонистон ворида Тоҷикистон мешаванд, дар портали мубодилаи маълумот оғоз намоянд;

**8.**5. Мақомоти гумрукии ҳар ду ҷониб маълумоти мубодилашударо пас аз муқоиса ва мутобиқат ҳармоҳа аз тариқи шахсони иртиботӣ бо ҳамдигар мубодила созанд;

**8.**6. Тибқи қарори нишасти гумрукии миёни мақомоти гумрукии ҳар ду кишвар ҷониби Тоҷикистон боздиди Сардори умумии гумрукӣ ва ҳайати ҳамроҳашонро аз гумруки Бадахшон, осон намояд.

## 9. Ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ

9.1. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки лоиҳаи Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст, ҳарчӣ зудтар ба имзо расонанд.

9.2. Ҷонибҳо ба мувофиқа расидаанд, ки содироти маҳсулоти кишоварзиро тақвият диҳанд;

9.3. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки мубориза муштаракро дар минтақаҳои наздисарҳадӣ бар зидди малах ва дигар ҳашаротҳои зарарасон тақвият бахшида табодули маълумотро ба роҳ монанд;

9.4. Ҷонибҳо мувофиқа намуданд, ки ҳамкориҳо дар соҳаи растанипарварӣ ва тухмипарварӣ идома медиҳанд;
9.5. Ҷонибҳо мувофиқа намуданд, ки ҳамкориҳои техникиро дар соҳаи чорводорӣ ва ветеринарӣ ба роҳ монанд;
9.6. Ҷонибҳо бар ҳамкорӣ дар соҳаҳои омӯзиши мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, мубодилаи натиҷаҳои тадқиқотӣ ва таҷрибаҳои илмӣ ва доир намудани барномаҳои омӯзишии фаннӣ ва касбӣ, тааҳуд намуданд.

**10. Ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг**
10.1. Ҷонибҳо робитаҳои фарҳангӣ дар самтҳои санъати мусиқӣ ва табодули гурӯҳҳои ҳунарию театриро густариш диҳанд;
10.2. Ҷонибҳо ба густариши робитаҳо ҷиҳати иштироки намояндагони кишварҳо дар чорабиниҳои фарҳангии байналмилалӣ, фестивалҳо ва дигар намоишгоҳҳои марбут ба ҳунарҳои мардумӣ дар қаламрави ҳарду давлат баргузоршаванда, таъкид намуданд;
10.3. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки дар табодули мавод ва нашрияҳои фарҳангии байни ду кишвар, тармими ёдгориҳои таърихӣ- фарҳангӣ (осори бостонӣ) ҳамкорӣ намоянд;
10.4. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки ҷиҳати баргузории Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти барои ҷонибҳо мусоид, ҳамкориро идома диҳанд;
10.5 Ҷонибҳо таъкид намуданд, ки дар доираи имкониятҳо дар сурати ниёзмандии яке аз Ҷонибҳо, заминаи бурсияи таҳсилӣ дар самтҳои бостоншиносӣ, этнографӣ, ҳунарҳои зебо ва осори таърихӣ фароҳам оварда шаванд.

**11. Ҳамкорӣ дар соҳаи варзиш ва сайёҳӣ**
**Соҳаи варзиш**
11.1. Ҷонибҳо ба мубодилаи таҷрибаи мутахассисони соҳаи варзиш, таъкид намуданд;
11.2. Ҷониби Тоҷикистонӣ даъват намуд, ки варзишгарони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалии варзишие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад иштирок намоянд;
11.3. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки ҳамкорӣ ҷиҳати баргузории ҷамъомади якҷояи машқиву таълимӣ бо иштироки варзишгарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба роҳ монда шавад;
11.4. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки олимони ҷавон дар конфронсҳои байналмилалии илмӣ, ҳамчунон дар фестивалҳои дӯстӣ, ки дар ҳудуди ҳарду ҷониб баргузор мегардад, ширкат намоянд.

**Соҳаи сайёҳӣ**

11.5. Ҷонибҳо мувофиқа намуданд, ки ҷиҳати иштироки ширкатҳои сайёҳӣ дар Форум ва намоишгоҳҳои сайёҳии Тоҷикистону Афғонистон тадбирҳо андешанд.

11.6. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки барномаи муштараки ҳамкорӣ дар бахши сайёҳиро барои солҳои 2020 - 2025 таҳия намоянд.

**12. Ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва таҳсилоти олӣ**

12.1. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки оид ба гузаронидани тадқиқотҳои илмии муштарак дар соҳаҳои инноватсия ва технологияҳои информатсионӣ ҳамкорӣ намоянд;

12.2. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки ҷиҳати табодули иттилоот оид ба таҷриба, идора ва ташкил дар самти рушди соҳаи маориф ва илм ҳамкорӣ намоянд;

12.3. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки ҷиҳати ба роҳ мондани иштироки устодон, донишҷӯён дар конфронс, симпозиум ва ҳамоишҳои минтақавӣ ва байналмилалии илмӣ ҳамкорӣ намоянд;

12.4. Ҷониби Афғонистон масъалаи бурсияҳоро дар самти магистратура ва докторантура (Phd) барои баррасӣ ба ҷониби Тоҷикистонӣ пешниҳод намуд;

12.5. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки масъалаи ба роҳ мондани ҳамкориро миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳарду кишвар баррасӣ намоянд.

**13. Ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

13.1. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки дар асоси шартномаи тарафайн мутахассисони Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро тибқи тартиби муқарраргардида дар бахшҳои гуногуни соҳаи тиб тайёр намоянд.

13.2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда низ омода аст, ки барои гузаронидани ташхис ва муолиҷаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар муассисаҳои иҷтимоӣ ва табобатии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида дастгирӣ намояд;

13.3. Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки дар раванди пешгирӣ, бақайдгирӣ ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва пурзур намудани назорати зиддиэпидемикӣ дар гузаргоҳҳои байнисарҳадӣ, ҳамкории дуҷонибаро ба роҳ монанд;

13.4. Ҷонибҳо мувофиқа намуданд то дар самти пешгирии воридот ва содироти маводҳои дорувории қалбакӣ ва пастсифат ҳамкорӣ намоянд.

**14. Ҳамкорӣ дар соҳаи суғурта**

14.1. Ҷонибҳо барои таҷдиди Мувофиқатномаи ҳамкорӣ байни КВД "Тоҷиксуғурта"–и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати умумии умури бимаҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, шарик

сохтани маълумоти суғуртавӣ ва интиқоли таҷрибаҳои муштарак дар соҳаи суғурта таъкид намуданд;

14.2. Ҷонибҳо дар мавриди амали баробарӣ дар соҳаи суғурта мутобиқи чаҳорчӯби ҳуқуқии ду кишвар мувофиқа намуданд.

**15. Заминаи шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба**

Ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки:

- заминаи шартномавию ҳуқуқии муносибатҳоро таҳким бахшанд;
- раванди мувофиқасозии лоиҳаи санадҳои дуҷонибаро тезонанд;
- инвентаризатсияи заминаи шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаро дар нимсолаи аввали соли 2020 доир кунанд;

**16. Ҳамкорӣ дар татбиқи Ёддошти тафоҳум оид ба табодули маълумоти обшиносӣ ва иттилооти вобаста ба он (аз 25.11.2014)**

16.1. Ҷониби Тоҷикистонӣ аз ҷониби Афғонистонӣ андешидани чораҳои заруриро ҷиҳати татбиқи амалии Ёддошти болозикр, алалхусус дар самти истифодабарии самараноки таҷҳизотҳои обсанҷӣ ва мубодилаи иттилооти обсанҷӣ бо мақсади саривақт огоҳ намудани аҳолии ин минтақа аз офатҳои табиӣ дархост намуд.

16.2. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки барои мониторинги бемонеа ва саривақтии андозагирии сатҳ ва сарфи об дар ҳавзаи Панҷ Омӯ чораҳои мушаххас андешида, шахсони муттасадиро барои назорати рафти иҷрои мувофиқаҳои бадастомада ба ҳамдигар муаррифӣ менамоянд.

**17. Оид ба баргузории ҷаласаи ҳаштуми Комиссия**

Ҷонибҳо мувофиқа намуданд, ки ҷаласаи ҳаштуми Комиссия соли 2020 дар шаҳри Кобул доир гардад. Таърихи баргузории ҷаласа тариқи роҳҳои дипломатӣ муайян хоҳад шуд.

Протокол дар таърихи 5 июли соли 2019 мутобиқ бо 14 саратони 1398 ҳиҷрии хуршедӣ дар шаҳри Душанбе дар ду нусхаи асл, ҳар яке бо забонҳои тоҷикӣ ва дарӣ, ки эътибори яксон доранд, ба имзо расид.

| Аз ҷониби Ҳукумати<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҷониби Ҳукумати<br>Ҷумҳурии Исломии Афғонистон |
| --- | --- |
| ______________ | ______________ |